# КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ФАРМОИШ

аз «2» марта соли 2022 № 79/дн ш. Душанбе

Дар бораи рад намудани
додани дараҷаи илмӣ

Мутобиқи банди 18 Низомномаи муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, №270),

**ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:**

1. Қарори шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-027 назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров» оид ба додани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ ба Абдусамадзода Бахтулло Абдумароб дар мавзӯи «Шароитҳои педагогии таъмин намудани муҳити тандурустӣ ва тарзи ҳаёти солим дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) бинобар риоя нагардидани талаботи банди 10 Дастурамал дар бораи санҷиши диссертатсияҳо оид ба мавҷуд будани асардуздӣ аз рӯйи барномаи компютерии «Антиплагиат» (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 майи соли 2018, №5/7) бекор карда шавад.
2. Додани дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ ба Абдусамадзода Бахтулло Абдумароб рад карда шавад.
3. Баррасии такрории диссертатсияи Абдусамадзода Бахтулло Абдумароб барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ тибқи муқаррарот ба роҳ монда шавад.
4. Матни фармоиши мазкур дар муҳлати 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидан дар сомонаи Комиссия ҷойгир карда шавад.
5. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба уҳдаи шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ гузошта шавад.

Асос: қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 феврали соли 2022, №2.

Раис Розиқзода А.